# Китоби Муқаддас барои кӯдакон
## пешкаш мекунад



# Нӯҳ ва тӯфони сахт


Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Byron Unger; Lazarus

Тарҷумон: Christian Lingua

Адаптатсиякунанда: M. Maillot; Tammy S.



Ҳикояи 3 аз 60

**www.M1914.org**



Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.


Тоҷикӣ

Tajik



Нӯҳ ба Худо саҷда мекард. Аммо одамони дигар Худоро бад медиданд ва ба Ӯ итоат намекарданд. Рӯзе, Худо чизи ғайричашмдошт гуфт: “Ман ин ҷаҳони нобакорро несту нобуд мекунам”, - ба Нӯҳ гуфт Худо,- “Танҳо оилаи туро нигоҳ медорам”.

1



Худо Нӯҳро огоҳ кард, ки тӯфони бузург омада, ҳама ҷойро об зер мекунад. Бинобар ин ба Нӯҳ фармуда гуфт: “Киштии калоне соз, ки барои оилаат ва ҳайвоноти зиёд ҷойи кофӣ дошта бошад”.

2


Худо ба Нӯҳ барои сохтани
киштӣ дастурҳои аниқ дод ва
Нӯҳ бо иҷрои он банд шуд!
3


Шояд вақте ки Нӯҳ ба
одамон мақсади
сохтани киштиро
мегуфт, онҳо ӯро
масхара
мекарданд.
Аммо Нӯҳ
киштисозиро
давом медод.
Ӯ инчунин ба одамон
дар бораи Худо накл
мекард. Лекин ҳеҷ кас
ба гапҳои вай гӯш
намеандохт.
4


Нӯҳ ба Худо сахт бовар
мекард. Гарчанде Нӯҳ
чӣ будани боронро
намедонист, лекин ба
сухани Худо бовар карда
буд. Акнун киштӣ барои
даровардани
лавозимот
тайёр
буд.
5


Инак ҳайвонҳо омадаанд. Худо аз баъзе навъҳои
ҳайвон ҳафтоӣ ва аз баъзеҳо як ҷуфтӣ ҳайвонҳоро
оваронд. Паррандагони хурду бузург ва
ҳайвоноти майдаю калон
сӯйи киштӣ омаданд.
6


Вақте ки Нӯҳ ҳайвонҳоро ба киштӣ ҷо
ба ҷо мекард, дигарон эҳтимол
Нӯҳро писханд мекарданд.
Онҳо гунох карданро бас
намекарданд ва ҳатто ба
киштӣ дохил шудан
ҳам намехостанд.
7


Ниҳоят, ҳамаи ҳайвонҳою
Паррандаҳо дохили
киштӣ шуданд.
Худо ба Нӯҳ
гуфт: “Ту ва
оилаат низ
дохили киштӣ
шавед.” Нӯҳ,
занаш ва се писараш
бо занони худ ба киштӣ
даромаданд. Баъд Худо
дари киштиро
маҳкам кард!
8


Сипас борон борид. Тӯфони бузург заминро дар давоми чил шабу чил рӯз фаро гирифт. Шаҳрҳою қишлоқҳо зери об монда рафтанд. Вақте ки борон бозистод, ҳатто кӯҳҳо зери об монда буданд. Ҳар чизи ҷондор мурда буд.
9


Обхезӣ киштиро бардошта бурд. Дохили киштӣ эҳтимолан торик буду ҳар тараф алвонҷ мехӯрд ва ҳатто шояд ваҳмнок буд. Аммо киштӣ Нӯҳро аз тӯфон муҳофизат мекард.
10


Баъд аз панҷ моҳи обхезӣ Худо барои хушк кардани об шамол фиристод. Оҳиста-оҳиста киштӣ то ба қуллаи кӯҳҳои Арарат расида бозистод. Боз чил рӯзи дигар об поён мерафту Нӯҳ дохили киштӣ буд.
11


Нӯҳ тирезаи киштиро кушода, зоғу кабӯтарро ба берун сар дод.
Паррандагон ҷойи нишастан наёфта, ба киштии Нӯҳ баргаштанд. Баъд аз як ҳафта, Нӯҳ корашро такрор кард. Ин дафъа кабӯтар бо барги тозаи зайтун дар нӯлаш баргашт. Ҳафтаи оянда Нӯҳ фаҳмид, ки замин хушк шудааст, чунки кабӯтар дигар барнагашт.
12


Худо ба Нӯҳ гуфт, ки вақти аз киштӣ баромадан расидааст. Ҳамин тавр, Нӯҳ ва оилааш ҳамаи ҳайвонҳоро аз киштӣ баровarданд.
13


Нӯҳ бениҳоят шукргузор буд! Нӯҳ барои Худо, ки ӯро ва аҳли оилаашро аз тӯфони шаддид наҷот дод, қурбонгоҳе сохта, қурбонӣ кард.
14







Нӯҳ ва тӯфони сахт

Ҳикоя аз Каломи Худо, дар Китоби Муқаддас

Ҳастӣ 6-10 ҷойгир шудааст

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад.” Забур 119:130

Худо медонад, ки мо корҳои бад мекунем ва ин корҳои бади моро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст.

Худо моро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои моро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Акнун Худо гуноҳҳои моро бахшида метавонад.

Агар ту аз гуноҳҳои худ даст кашидан хоҳӣ, ба Худо ин тавр гӯй: Эй Худои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Исо аз барои гуноҳҳои ман мурд ва баъд зинда шуда, ҳоло зинда аст. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва ман то абад бо Ту зиндагӣ кунам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзандат зиндагӣ кунам. Омин. Юҳанно 3:16

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!